# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Абдусамадзода Сорбон Мақсад дар мавзуи «Ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ш. Душанбе 210 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Абдусамадзода Сорбон Мақсад дар мавзуи «Ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи сайёҳӣ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ва бахши муҳими иқтисоди миллӣ эътироф гардидааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои ғании табиӣ, таърихӣ ва фарҳангӣ буда, имкониятҳои васеъ барои рушди бозори хизматрасониҳои сайёҳиро соҳиб мебошад. Бо назардошти ин, фаъолияти самараноки ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ ҳамчун субъектони асосии муносибатҳои соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ аҳаммияти хоса касб менамояд.

Аҳаммияти мавзӯи таҳқиқот пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки дар шароити ташаккули иқтисоди рақобатпазир ва ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба равандҳои байналмилалии иқтисодӣ масъалаи муайян намудани ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ пайдо намудааст. Самаранокии фаъолияти чунин ташкилотҳо аз дараҷаи мукаммал будани танзими ҳуқуқии мақоми онҳо, тартиби таъсис, фаъолияти соҳибкорӣ, масъулияти ҳуқуқӣ ва ҳифзи манфиатҳои иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ

вобастагии мустақим дорад. Дар айни замон рушди босуръати муносибатҳои иқтисодӣ ва пайдоиши шаклҳои нави хизматрасонии сайёҳӣ зарурати такмили заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳиро ба миён овардааст. Таҳлили қонунгузории амалкунанда нишон медиҳад, ки баъзе масъалаҳои марбут ба мақоми ҳуқуқии чунин ташкилотҳо, муносибатҳои онҳо бо истеъмолкунандагони хизматрасониҳои сайёҳӣ, мақомоти давлатӣ ва шарикони хориҷӣ ҳанӯз ҳам ба омӯзиши амиқи илмӣ ва такмили ҳуқуқӣ ниёз доранд.

Ғайр аз ин, рушди технологияҳои рақамӣ, густариши хизматрасониҳои электронии сайёҳӣ ва афзоиши ҳамкориҳои байналмилалӣ масъалаҳои нави ҳуқуқиро ба вуҷуд овардаанд, ки ҳалли онҳо бе таҳқиқи ҳамаҷонибаи ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ имконнопазир мебошад. Аз ин рӯ, омӯзиши хусусиятҳои ҳуқуқии фаъолияти ин ташкилотҳо, муайян намудани мушкилоти мавҷуда ва пешниҳоди роҳҳои такмили қонунгузорӣ ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ буда, аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ дорад. Бо ҳамин асос, таҳқиқи мавзӯи «Ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои рушди назарияи ҳуқуқи соҳибкорӣ, такмили қонунгузории миллӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои соҳаи сайёҳӣ муҳим ва мубрам арзёбӣ мегардад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии диссертатсияи Абдусамадзода Сорбон Мақсад дар он ифода меёбад, ки бори нахуст дар илми ҳуқуқшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ ҳамчун объекти мустақили таҳқиқоти ҳамаҷонибаи илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Элементҳои навгонии илмиро метавон дар маҷмӯи зерин ҷамъбаст намуд:

Якум: Мафҳуми «ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ» ҳамчун категорияи илмӣ-ҳуқуқӣ асоснок карда шуда, хусусиятҳои фарқкунандаи он муайян гардидаанд. Муаллиф ба хулосае омадааст, ки ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ на танҳо шахси ҳуқуқии тиҷоратӣ, балки субъектест, ки фаъолияташ дорои хусусияти дугонаи

тиҷоратӣ-иҷтимоӣ мебошад. Яъне, он на фақат барои ба даст овардани фоида, балки барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти маънавӣ, зеҳнӣ ва ҷисмонии сайёҳон фаъолият мекунад.

Дуюм: Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ бори нахуст ба се гурӯҳи мустақил ҷудо карда шудаанд:

1. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои умумии соҳибкорӣ (бақайдгирии давлатӣ, пардохти андозҳо, пешниҳоди ҳисобот ва ғайра);

2. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои махсуси соҳавӣ (ташаккули маҳсулоти сайёҳӣ, таъмини сифат ва бехатарӣ, риояи стандартҳои соҳавӣ, сертификатсия);

3. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои марбут ба ҳифзи ҳуқуқи сайёҳон (ҷуброни зарари моддӣ ва маънавӣ, масъулият дар ҳолатҳои форс-мажор, таъмини амният).

Сеюм: Шартномаи хизматрасонии музднoки сайёҳӣ ҳамчун намуди хоси шартномаи омехта тавсиф гардидааст. Муаллиф исбот мекунад, ки ин шартнома наметавонад ҳамчун шартномаи оддии хизматрасонии пулакӣ баҳо дода шавад, зеро он маҷмуи хизматҳои гуногун (нақлиётӣ, меҳмонхонагӣ, экскурсионӣ, суғуртавӣ ва ғайра)-ро дар бар мегирад ва туроператор барои ҳамаи ин хизматҳо масъул мебошад.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Ташкилоти тиҷоратии соҳаи сайёҳӣ шахси ҳуқуқиест, ки мувофиқи тартиби пешбининамудаи қонунгузории давлат ба қайд гирифта шуда, бо мақсади ба даст овардани фоида ба хидматрасонии сайёҳӣ (таҳия намудан, таблиғ ва амалӣ гардонидани он) машғул аст ва фаъолияташ дорои хусусияти тиҷоративу иҷтимоӣ аст. Ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ – категорияи ҳуқуқӣ ва илмӣ буда, ширкати сайёҳӣ (фирмаи сайёҳӣ) – номи оммавӣ ва соҳавӣ аст. Ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ мафҳуми васеътар ва ҳуқуқӣ аст, дар ҳоле ки ширкати сайёҳӣ бештар номи тиҷоратӣ ва соҳавӣ мебошад.

Дар тафовут аз дигар ташкилоти тиҷоратӣ ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ дорои чунин хусусиятҳо мебошад:

– Объекти асосии фаъолияти ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ ташаккул, пешбурд ва таъмини хизматрасонии сайёҳӣ мебошад.

– Фаъолияти ин дорои ҷанбаи тиҷоратӣ ва иҷтимоӣ аст, яъне на танҳо ба мақсади ба даст овардани фоида равона шудааст, балки ҳатман ба қонеъгардонии эҳтиёҷоти маънавӣ, зеҳнӣ ва ҷисмонии сайёҳон равона гардидааст.

– Ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ масъулияти ҳамоҳангсозии якчанд соҳаҳо (савдо, нақлиёт, алоқа, энергетика, кишоварзӣ, фарҳанг, тиб ва ғайраро) ба зимма дорад, ки хавфҳои иловагӣ дар ҷараёни фаъолият пайдо мешаванд.

– Амали ин субъект бевосита ба истифодаи сарватҳои табиӣ, фароғатӣ (рекреатсионӣ), фарҳангӣ ва таърихии кишвар пайваста буда, нисбат ба он талаботҳои махсуси давлатӣ оид ба бехатарии сайёҳон, ҳифзи муҳити зист, сертификатсия ва назорати қатъӣ мавҷуданд.

2. Ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ маҷмуи ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои онҳо мебошад, ки ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи онро муайян менамояд. Вазъияти мазкур аз се унсури асосӣ ва муҳим ташкил ёфтааст: ҳуқуқҳои умумӣ ва хоссаи соҳибкорӣ, уҳдадориҳои умумӣ ва хоссаи соҳавӣ, инчунин ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳое, ки ба пуштибонии давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои сайёҳон вобаста мебошанд.

Ҳуқуқҳои асосии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ ба се гурӯҳи мустақил тақсим мешаванд: ҳуқуқҳои умумӣ (ҳуқуқҳои стандартӣ дар соҳаи соҳибкорӣ) – амалӣ кардани фаъолияти соҳибкорӣ, доштани молу мулк, ҷалби сармоягузорӣ, озодии бастани шартнома ва дигар ҳуқуқҳои пешбинишудаи қонунгузорӣ; ҳуқуқҳои махсуси соҳавӣ – муайян сохтани самтҳои сайёҳӣ, ба имзо расонидани шартномаҳо бо меҳмонхонаҳо, ширкатҳои нақлиётӣ ва дигар пешниҳодкунандагони хидмат, ба фурӯш баровардани маҳсулоти сайёҳӣ, истифода бурдани захираҳои маконҳои диданӣ ва қолиби сайёҳӣ; ҳуқуқҳо марбӯт ба пуштибонии давлатӣ – истифодаи имтиёзҳои андозӣ, дарёфти грантҳо, иштирок дар барномаҳои давлатии рушди соҳаи сайёҳӣ, ташкили кластерҳои сайёҳӣ ва дигар воситаҳои пуштибонии давлатӣ.

Уҳдадориҳои асосии ин субъектон дар бахши сайёҳӣ низ ба се гурӯҳи алоҳида ҷудо карда мешаванд:

– умумӣ (стандартҳои соҳибкорӣ): риоя кардани қонунҳои маданӣ, соҳибкорӣ, андозӣ, меҳнатӣ, ҳифзи муҳити зист ва дигар уҳдадориҳои умумии соҳибкорӣ;

– махсуси соҳавӣ: таъмин намудани сифати баланд ва аълои хидматҳои сайёҳӣ, таъмини бехатарии ҷонӣ ва молу мулкии сайёҳон, пешниҳоди иттилооти дақиқ ва пурра, риоя намудани стандартҳои соҳавӣ;

– марбут ба ҳифзи ҳуқуқи сайёҳон: ҷуброн намудани зиёни моддӣ ва маънавӣ, пешниҳоди маълумоти воқеӣ ва дуруст, ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хидматҳои сайёҳӣ, масъулият доштан дар ҳолатҳои форс-мажор ва риояи қатъии қоидаҳои бехатарӣ.

3. Шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ ҳамчун намуди хос ва махсуси шартномаҳои хизматрасонии пулакӣ шинохта мешавад ва соҳиби хусусиятҳои мураккаб ва ҳамаҷонибаи ҳуқуқӣ мебошад, ки онро метавон ҳамчун шартномаи омехтаи ҳуқуқӣ тавсиф кард. Шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ аз шартномаҳои хизматрасонии пулакӣ дар шакли одӣ ва маъмулӣ ба таври ҷиддӣ фарқ мекунад, зеро он на фақат пешниҳоди хизматҳои алоҳида, балки ташкили пурраи тамоми сафар, тарҳрезии мукаммали сайёҳат, таъмини амният ва дигар унсурҳои вобастаи онро дар бар мегирад.

Вижагии асосӣ ва фарққунандаи ин шартнома аз дигар шартномаҳои хидматрасонии музднок дар чунин ҷанбаҳо равшан ба назар мерасад: он як шартномаи омехта ба ҳисоб меравад, ки дар худ ҷузъҳои якчанд намуди шартномаро (нақлиётӣ, меҳмонхонагӣ, таъмини ғизо ва ғайра) муттаҳид месозад; мавзуи он на танҳо иҷрои як хидмати ҷудогона, балки ташкили пурра ва ҳамаҷонибаи сафари сайёҳӣ (ташкил, роҳандозӣ, ҷойгиршавӣ, ғизо, роҳнамоӣ, таъмини амният ва суғурта) мебошад; он паҳлуи иҷтимоӣ дошта, масъулияти хеле баланди ҷониби иҷрокунандаро нисбат ба бехатарии ҷисмонӣ, руҳӣ ва молиявии сайёҳ (муҳофизат аз хатарҳои табиӣ, сироятӣ, ҳуқуқӣ ва террористӣ) муқаррар менамояд.

4. Дар бахши сайёҳӣ, туроператор (танзимгари сайёҳӣ) ва турагент (агенти сайёҳӣ) ҳамчун ду субъекти комилан мустақили фаъолияти сайёҳӣ бо тақсимоти

дақиқ, возеҳ ва равшани вазифаҳо, масъулиятҳо ва вазъи ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд. Танзимгари сайёҳӣ шахси ҳуқуқӣ аст, ки фаъолияти асосии он ташаккул, пешбурд ва таъмин намудани хизматрасонии сайёҳӣ (бастаи сайёҳӣ) мебошад. Агентии сайёҳӣ миёнарав (агент) аст, ки роҳхати тайёрнамудаи танзимгари сайёҳиро пешбурд ва таъмин менамояд (амалӣ мекунад). Танзимгари сайёҳӣ масъулияти баланд ва кафолатҳои молиявӣ дорад, бастаи нав эҷод мекунад ва бо провайдерҳо шартномаҳои мустақим мебандад. Агентии сайёҳӣ бештар миёнарави тиҷоратӣ буда, аз комиссия фоида мегирад ва масъулияти пурраи бастаро ба уҳда намегирад. Ин гурӯҳбандӣ имкон медиҳад, ки ҳифзи ҳуқуқҳои сайёҳон таҳким ёбад ва масъулиятҳо возеҳ тақсим шаванд. Танзимгари сайёҳӣ дар назди сайёҳ барои сифат ва бехатарии тамоми маҷмуи хизматрасониҳои сайёҳӣ ҷавобгар мебошад, дар ҳоле ки агентии сайёҳӣ асосан барои маълумоти дурусте, ки ба сайёҳ медиҳад, ҷавобгар мебошад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Тамоми дастовардҳои илмии диссертатсия ва натиҷаҳои илмӣ, ки дар бобҳо ва зербобҳо, инчунин хулосаи кор ифодаи худро ёфтаанд, аз саҳми шахсии муаллиф шаҳодат медиҳанд. Бояд иброз намуд, ки муаллиф андешаҳои худро тавассути мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ низ барои хонандагон манзур намудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти рисола, махсусан нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, асоси кофӣ ва боэътимоди назариявӣ ва методологӣ доранд. Асосҳои назариявии таҳқиқоти рисоларо корҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ, ки ба масъалаи мазкур бахшида шудаанд, ташкил медиҳад.

Дар диссертатсия усулҳои зерини илмии таҳқиқот истифода шудаанд: усули таҳлил ва синтез – барои таҳлили ҳамаҷонибаи ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ; усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ – барои таҳлили муқоисавии қонунгузории сайёҳии Тоҷикистон бо қонунгузории давлатҳои хориҷӣ (Федератсияи Русия, Қазоқистон, Узбекистон, Туркия, Фаронса, Чин, Ҷопон); усули системавӣ – барои муайян намудани ҷойгоҳи ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон; усули функсионалӣ – барои

муайян намудани вазифаҳои ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ; усули таърихӣ – барои омӯзиши ташаккул ва рушди қонунгузории сайёҳӣ дар Тоҷикистон; усули формалӣ-ҳуқуқӣ – барои таҳлили меъёрҳои мушаххаси конунгузорӣ.

**Ҳаҷм ва сохтори диссетратсия.** Диссертатсияи мазкур вобаста ба ном ва накшаю сохтор, муҳтаво, хулоса ва руйхати сарчашмаҳо ба талаботҳои мавҷуда ҷавобгӯ мебошад. Он аз 3 боб, 8 зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад, ки ба максад, вазифа ва мантики таҳкикот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 210 саҳифаро ташкил медиҳад.

**Дар мукаддима** мубрамияти мавзуи диссертатсия, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, объект ва предмети таҳқиқоти илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия асоснок ва баррасӣ гардидааст.

Дар боби аввал – **“Тавсифи умумии ҳолати ҳуқукии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”** масъалоҳои зерин баррасӣ карда шудаанд: ҷанбаҳои ҳуқукии ташкил ва фаъолияти ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ; ширкати сайёҳӣ ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ; ҳуқуқ ва уҳдадории ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ.

Муаллиф дар боби дуюм – **“Шартномаи ҳамчун воситаи баамалбарории фаъолияти ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ”** чунин масъалаҳоро таҳлил намудааст: шартномаи хизматрасонии муздноки сайёҳӣ дар низоми муносибатҳои шартномавии ширкати сайёҳӣ; ҷонибҳои шартномаи хизматрасонии муздноки сайёҳӣ; масъулияти мадании ширкатҳои сайёҳӣ аз рӯйи шартномаи хизматрасонии муздноки сайёҳӣ.

Дар боби сеюм – **“Такмили қонунгузории ҷумҳурии тоҷикистон дар соҳаи сайёҳӣ”** масъалоҳои зерин баррасӣ карда шудаанд: таҳлили муқоисавии қонунгузории сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории давлатҳои хориҷа оид ба ҳолати ҳуқуқии ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ; роҳҳои такмили қонунгузории Тоҷикистон оид ба ҳолати ҳуқуқии ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Таҳқиқот ба ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ, такмил додани қонунгузории

сайёҳи мусоидат менамояд, ки барои рушди иқтисодии Тоҷикистон ва афзоиши сармояи хориҷӣ аҳамияти калон дорад.

Махсусан, муаллиф нуқтаҳои муҳимро пешниҳод намудааст, ки онҳо барои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ асос мегузорад. Хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф дорои аҳамияти илмӣ-амалӣ буда, метавонанд дар раванди таълим ҳангоми машғулиятҳои дарсӣ аз фанни ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ истифода бурд. Инчунин маводҳои диссертатсионӣ метавонанд зимни таҳқиқоти дигари илмӣ, ки ба мавзуи танзими ҳуқуқии фаъолияти сайёҳӣ, мавриди корбарӣ қарор гиранд.

Аҳаммияти иҷтимоии таҳқикот дар он зоҳир мегардад, ки такмили ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ ба ҳифзи самараноки ҳуқуқи сайёҳон ҳамчун истеъмолкунандагон мусоидат менамояд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Дар чаҳорчӯбаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», муаллиф корҳои муҳими илмӣ анҷом дода, натиҷаҳои онро дар шакли мақолаҳои илмӣ мунташир намудааст. Муаллиф дар маҷмӯъ 8 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин миқдор 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тасдиқшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсияи Абдусамадзода Сорбон Мақсад дар мавзуи «Ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, таҳти №493 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи банди 84 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Сарфи назар аз арзёбии мусбати баёншуда дар тақриз, дар диссертатсияи мазкур баъзе нуқсонҳо, нуктаҳои баҳсталаб мавҷуданд, ки аз ҷумлаи онҳо метавон ба мавридҳои зерин ишора кард:

1. Масъалаи таносуби ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ бо ҳолати ҳуқуқии дигар субъектҳои соҳибкорӣ.

Дар диссертатсия масъалаи таносуби ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ бо ҳолати ҳуқуқии дигар субъектҳои соҳибкорӣ (масалан, ташкилотҳои меҳмонхонагӣ, ширкатҳои нақлиётӣ, ширкатҳои суғурта) пурра таҳлил нагардидааст. Мақсаднок мебуд, ки муаллиф ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мушаххаси ин субъектҳоро дар муқоиса бо ташкилотҳои сайёҳӣ муфассалтар баррасӣ менамуд, хусусан дар қисми масъулияти ҳамоҳангсозии онҳо.

2. Масъалаи зарари маънавӣ дар шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ.

Муаллиф масъалаи масъулияти ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ барои зарари маънавӣ дар шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ танҳо ба таври умумӣ таҳлил кардааст. Муфассалтар намудани меъёрҳои ҷуброни зарари маънавӣ (андоза, тартиби ҳисоб, ҳуҷҷатҳои зарурӣ, амалияи судӣ) метавонист аҳаммияти амалии таҳқиқотро боз ҳам баланд барад. Махсусан, дар ҳолатҳои вайрон кардани шартҳои шартнома, ки боиси ранҷиши маънавии сайёҳ мегардад, муайян намудани андозаи зарари маънавӣ дар амалияи судӣ то ҳол баҳснок боқӣ мондааст.

Камбудиҳои зикршуда хусусияти умумӣ дошта, ба нуктаҳои назариявӣ ва амалии диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи илмии Абдусамадзода Сорбон Мақсад дар мавзуи «Ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ таҳия шуда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, тасдиқшуда бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №

267, мутобиқат дорад. Муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда сазовор аст.

**Муқаррризи расмӣ:**


Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи мадании
факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Д.А. Сидиқов

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нусратулло Махсум,
Бинои 71/1, хонаи 27. Тел.: (+992) 918-97-19-91. E-mail: sidiqov.dilshod@mail.ru


«Имзои Д.А. Сидиқов – ро тасдиқ мекунам»:
Сардори Раёсати кадрҳои
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон М.Н. Исмаилова

МИНИСТЕРСТВО ОБРАЗОВАНИЯ И НАУКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН * МЕЖГОСУДАРСТВЕННОЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ РОССИЙСКО-ТАДЖИКСКИЙ (СЛАВЯНСКИЙ) УНИВЕРСИТЕТ * УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ


Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода 30, Тел.: (+992 237) 227 67 40. E–mail: kafedra.grazhdanskaya@mail.ru


17.06.2026